Суратҷаласаи № 6
из маҷлиси Шӯрои олимони Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 15 ноябри соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок намуданд:
аз 19 нафар аъзоёни Шурои олимон 13 нафар

Ҷаласаи Шӯрои олимон кушода шуд.
Кворум барои гузаронидани маҷлис ҳаст. Кӣ тарафдор?

Рӯзномаи маҷлис:

Муҳокимаи рисолаи илмии докторанти PhD Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи «Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D060707 – Генетика. Роҳбари илмӣ: д.и.б., профессор Носирова Ф.Ю.

Иштирок доштанд:

**Бобозода Баҳоҳӯҷа Бобо** – н.и.б., директори Институт, раиси семинар.
**Боҳирова Манзура Қурбоналиевна** – н.и.б., и.м. котиби илмии Институт.
**Насырова Фируза Юсуфовна** – д.и.б., профессор, мудири озмоишгоҳи бехатарии биологӣ.
**Алиев Қурбон Алиевич** – узви вобастаи АМИТ, д.и.б., профессор, мудири озмоишгоҳи биология молекулавӣ ва биотехнологияи растанӣ.
**Абдуллаев Абдуманон** – узви вобастаи АМИТ, д.и.б., профессор, мудири озмоишгоҳи биохимияи фотосинтез.
**Джумаев Бахшуло Боқиевич** – узви вобастаи АМИТ, д.и.б., х.к.и. озмоишгоҳи биохимияи фотосинтез.
**Мамадюсуфова Мену Ғуломайдаровна** – н.и.б., х.к.и. Сардори Раёсати магистратура, аспирантура ва докторантураи АМИТ
**Партоев Қурбонали** – д.и.к., мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растанӣ.
**Ниязмухамедова Мукаддам Бобоҷоновна** – д.и.б., х.п.и. озмоишгоҳи генетика ва селексияи растанӣ.

**Қурбонов Мавлон** – н.и.к., х.к.и., мудири озмоишгоҳи биология молекулавӣ ва биотехнологияи растанӣ.
**Норкулов Насим Холтураевич** – и.и.б., х.и озмоишгоҳи биология молекулавӣ ва биотехнологияи растанӣ.
**Диловарова Нигина Сифатшоевна** – х.х.и. озмоишгоҳи биология молекулавӣ ва биотехнологияи растанӣ.
**Норкулова Зебо Холтураевна** – х.х.и. озмоишгоҳи биология молекулавӣ ва биотехнологияи растанӣ.
**Нуров Диловар Саидмуродович** – доктор PhD курси 1.
**Абдухоликова Фарзона Абдураҳмоновна** – доктор PhD курси 1.
**Гадоев Муҳсин Қурбоншоевич** – доктор PhD курси 1.

**Бобозода Б.Б.** кори диссертатсионии “**Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор**” дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллми илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дилшоди Ҳабибулло соли 2017 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ-ро хатм намудааст. Баъди хатми ДДОТ ба номи С. Айнӣ солҳои 2017-2019 дар Озмоишгоҳи генетикаи растании ИБФваГР АМИТ зинаи магистратура ва солҳои 2019-2022 бошад дар Озмоишгоҳи бехатарии биологӣ зинаи докторантураро ба итмом расонидааст. Дар баробари таҳсил карданаш дар Озмоишгоҳи бехатарии биологӣ ба ҳайси лаборанти калони илмӣ фаолият кардааст, ва баъд аз хатми докторантура ба ҳайси ходими хурди илмӣ дар Озмоишгоҳи бехатарии биологӣ то ин ҷониб кору фаъолияти илмии худро давом додаистодааст.
**Бобозода Б.Б.** Сухан ба унвонҷӯйи Институт – Дилшоди Ҳабибулло барои пешниҳоди маърӯзаи рисолаи илмӣ дода мешавад.
**Шунида шуд:** Маърӯзаи Дилшоди Ҳабибулло оид ба рисолаи илмӣ дар мавзӯи “**Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор**”. Қисмҳои асосии диссертатсия пешниҳод карда шуд.
Саволҳои пешниҳодшуда аз тарафи иштироккунандагони маҷлиси:
**Ниёзмухамедова М.Б.,** д.и.б., профессор.
**Савол:** Хусусиятҳои генетикии намунаи дурагаи навъи гандуми Ҷагер бо *Aegilops tauschii*-ро нишон диҳед?

**Ҷавоб:** Аз ҷиҳати генетикӣ хусусияти баланди тобоварӣ ба занбуруғи занги зард, тобоварии зиёд ба хобравӣ, нисбати навъҳои омӯхта шуда миқдори зиёди сафеданокӣ дар таркиби дон, ки ин нишондиҳандҳо ба нишондиҳандаҳои таркиби дон ва дигар хусусиятҳо ба *Aegilops*-ҳо наздики дорад.

**Савол:** Аз ҷиҳати биохимиявӣ кадом нишондиҳандаҳо омӯхта шудааст?

**Ҷавоб:** Хусусиятҳои биохимиявии таркиби дони навҳои гандум ва намудҳои *Aegilops,* аз рӯи нишондиҳандаҳои крахмалнокӣ, сафеданокӣ, намноки, ва дигар нишондиҳандаҳои биохимиявӣ омӯхта шудааст ва тағйирёбии таркиби биохимиявии дони онҳо муайян карда шудааст.

**Қурбонов Мавлон. н.и.к. х.к.и.,** озмоишгоҳи генетика ва селексияи растанӣ. **Савол:** Фарқияти гандуми мулоим аз гандуми сахт?

**Ҷавоб:** фарқият дар он аст, ки гандуми мулоим гексаплоид ва гандуми сахт тетраплоид мебошад, ва фарқияти дигар дар он аст, ки шишанокии гандуми сахт нисбат ба гандуми мулоим зиёдтар мебошад.

**Ҷумъаев Б.Б. -** д.и.б., профессор, узви вобастаи АМИТ.

**Савол:** Вобаста ба кори илмӣ-тадкиқотӣ чанд мақолаи илмӣ ва дар кадом маҷаллаҳо чоп намудед?

**Ҷавоб:** Вобаста ба корҳои илмӣ тадкиқотӣ 4-мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 2-тоаш дар маҷаллаи "Илм ва фановарӣ"-и Донишгоҳи миллииТоҷикистон, яктоаш дар маҷаллаи "Кишоварз"-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, яктои дигар дар маҷаллаи "Паёми" Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва ду фишурдаи мақола, як монография дар ҳаммуаллифи аз чоп баромадааст.

**Бобозода Б.Б.** Боз савол ҳаст? Нест пас суханро ба муқарриз – доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қ мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растании ИБФваГР АМИТ дода мешавад, марҳамат.

**Баромад намуд:** доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қ мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растании ИБФваГР АМИТ (тақриз замима карда мешавад). Диссертатсияи Дилшоди Ҳабибулло ба яке аз масъалаҳои муҳим ва зарур – дар оянда барои бо маводи ғизоӣ таъмин намудани аҳолии кураи Замин нақши зироатҳои ғалладонагиҳо сол аз сол баланд мегарданд. Аз ин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои минбаъд афзоиш додани истеҳсоли гандум дар мамлакат чораҳои зарурииро дар мадди аввали рушди бахши кишоварзии кишвар мегузорад. Ҳоло дар назди олимони тоҷик масъала гузошта шудааст, ки дар баланд бардоштани ҳосилнокии ғалладонагиҳо, ба даст овардани

навъҳои серҳосилу ба касалиҳо тобовару тезпаз ва ба тағийрёбии иқлим устувори гандумро бояд дар солҳои наздик ҳал намоянд.

Яке аз роҳҳои ба даст овардани чунин навъҳои гандум ин истифода намудани усулҳои дурагакунии байнинамудӣ, аз қабили истифодаи намудҳои ёбоии гандум дар гузаронидани дурагакунии гандум ва намуди пешавлоди гандум *Aegilops* ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз уновнҷӯй Дилшоди Хабибулло дар ҷараёни гузаронидани корҳои илмиаш ба омӯзиши хусусиятҳои генетикӣ ва селексионии навъҳои гуногуни гандум ва *Aegilops* зоҳиршавии аломатҳои фоиданоки навъҳо ва дурагаҳои гандум дар шароити водии Ҳисор диққати махсус додааст.

Муҳимияти таҳқиқотҳои гузаронидаи доторанти PhD Дилшоди Ҳабибулло дар он маълум мегардад, ки вай намунаҳои гуногуни гандум ва другаҳои арзишманди байнинамудии гандумро ҳаматрафа омӯхта, намунаи дурагаи байнинамудии навъи Ҷагер х *Ae.tauschii*-ро барои дар корҳои селексионӣ истифода намудан тавсия медиҳад,ки ин натиҷаҳо аз аҳамияти клони илмю амалӣ доштани корҳои илмии гузаронидашудаи доторанти PhD Дилшоди Ҳабибулло шаҳодат медиҳанд.

Кори илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳияи рисолаи диссертатсионӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар маҷмӯ метавон хулоса намуд, ки рисолаи доторанти PhD Дилшоди Ҳабибулло ба талаботҳои зарурӣ ҷавобгӯ буда, метавон онро дар Шурои диссертатсионӣ барои ҳимоя намудан тавсия кард.

**Бобозода Б.Б.** Ба муқарриз агар савол бошад марҳамат. Савол нест.

Нусхаи хаттии такризнавис Академики АИР д.и.б., профессор **Драгавцев В.А.** ва х.к.и. шӯъбаи зироатҳои кишоварзии Маркази миллии захираҳои генетикӣ АИКТ н.и.к., **Пулодов Мавлон** (дар ҳаҷми 2 саҳ.) пешниҳод шудааст, ки аз тарафи раиси Шӯрои олимони Институт хонда шуд. Тақризнависон ба рисолаи илмии доктcorrect PhD баҳои баланд дода, пешниҳод намуданд, ки диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии Атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯи ихтисоси 6D060707 – генетика, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, барои ҳимояи озод дар Шӯрои диссертатсионие, ки дар назди Институт мавҷуд аст аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика тавсия карда шавад.

**Бобозода Б.Б.** Аз иштирокчион саволҳо бошанд марҳамт пешниҳод анмоед. Нест, пас ба муҳокимарони мегузарем.

Дар муҳокимарони д.и.б., профессор, узви вобастаи АМИТ **Б.Б Ҷумъаев** ва д.и.б., **М. Нигмонов** баромад намуда, корӣ диссертатсионии Дилшоди Ҳабибуллоро мусбат арзёби намуда ва онро ба ҳимоя тавсия намуданд.

**Қарор карда шуд:** докторанти PhD Дилшоди Ҳабибулло барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии назди Институт аз руйи ихтисоси 6D060707 – Генетика тавсия дода шавад.

Раиси Шӯрои олимон Бобозода Б.Б.

Котиби илмӣ Боҳирова М.Қ